"Тасдиқ мекунам"
Директори Институти боғу токпарварӣ ва
сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ____________
«__13__» ____марти____ соли 2025

**НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №__1__**

ҷаласаи шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз "10" марти соли 2025 ш. Душанбе

Раис: Худойкулов Б.С.

Котиб: Бобилоева З.М.

**Иштирок каранд:** Худойқулов Б.С. - муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ, раиси ҷаласа, н.и.к.; Бобилоева З.М. - ходими калони илмӣ, котиби ҷаласа; аъзоёни ҷаласа: Акрамов А.Х.- мудири шуъбаи селексия ва тухмипаварии картошка, Назиров Ҳ.Н.- ходими пешбари илмӣ д.и.к.; Сангинов Б.Б.- мудири озмоишгоҳи биотехнологияи растанӣ; Толибов А.Қ. - ходими калони илмӣ н.и.к.; Давлатов М. - ходими калони илмӣ; Нурҷаҳони Р.- ходими илмӣ ва даъватшудагон Шарипов Ш.И. – котиби илмии институт, Камолов Н. ходими пешбари илмӣ н.и.к.; Қаландаров Р.Ю. - мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ н.и.к.; Толиҳов Ҷ.- мудири шуъбаи ҳифзи расаниҳо, н.и.к.; Эшонкулова Р.У. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ н.и.к.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Роҳбари илмӣ: Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ.

Шунида шуд: оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Акрамов А.Х. баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот

дода, иброз дошт, ки картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ дар деҳот, таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулот дар тамоми давраи сол ва афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат нақши муҳимро мебозад. Ноил гардидан ба дастовардҳои баланди соҳаи картошкапарварӣ ва истеҳсоли тухмии картошка дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ташкил намудани системаи илман асосноки соҳаи картошкапарварӣ дар минтақаҳои кӯҳию баландкӯҳ вобаста мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гаштан ба чунин ҳадафҳо ба тараққиёти минбаъдаи соҳаи картошкапарварӣ диққати махсус медиҳад. Бо ин мақсад, барои боз ҳам баланд бардоштани рушди соҳаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ санаи 3.04.2021 №117, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи давлатии “Рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” қабул гардид. Қабули ин барномаи давлатӣ дар оянда ҷиҳати фароҳам овардани имкониятҳо ба рушди соҳаи тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ, бахусус дар соҳаи тухмипарварии картошка дар ҷумҳурӣ нақши муҳим мебозад.

Рушди минбаъдаи соҳаи картошкапарварӣ ва тухмипарварии он бо интихобу парвариши навъҳои нави ин зироат ва сифати маводи тухмӣ вобастагии калон дорад. Барои ба даст овардани навъҳои нав ва тухмии баландсифати картошка, ворид намудани маводҳои аввалияи тухмӣ аз хориҷи кишвар ва мутобиқгардонии онҳо ба шароити агроэкологии минтақаҳои парвариш ва истифодаи он дар корҳои селексионӣ нақши муҳимро мебозад.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар соҳаи картошкапарварӣ, масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи куҳӣ ва минтақабобкунии навъҳои нави картошка то кунун пурра омӯхта нашудаанд. Бинобар ин, мо таҳқиқотҳои илмии худро доир ба мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити мавзеъи Лахши водии Рашт равона намудем.

Гузориш оид ба аҳамияти кори унвонҷӯ:

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои биологӣ ва селексионии навъҳои интродуксионии картошка донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқотҳо дар он таҷассум меёбад, ки аз ҳисоби навъҳои интихобгардидаи интродуксионии картошка, ки дорои ҳосинокии баланд ва сифати молии хуб мебошанд майдони кишти онҳо дар водии Рашт зиёд карда шавад.

Таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳо бартарӣ дошта, ҳамчун навъҳои ояндадор ба истеҳсолот пешниҳод карда мешаванд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён Худойқулов Б.С. н.и.к. муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ; Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ; Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ; Эшонқулова Р.У. н.и.к., мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ; Сангинов Б.Б. мудири озмоишгоҳи биотехнологияи растанӣ; Давлатов М. ходими калони илмӣ ва дигар иштирокчиён саволҳо дода шуд, ки ба онҳо унвонҷӯ Акрамов А.Х. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, д.и.к. ходими пешбари илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Акрамов Абдуҳалим Холович суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзӯи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, Толиҳов Ҷ.А. н.и.к., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ; Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ; Эшонқулова Р.У. н.и.к. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Акрамов А.Х. муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи 15 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилаллию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба Акрамов А.Х. мусоидат менамоянд.

Акрамов А.Х. ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи ҷаласаи шуъба, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон санаи 10.03.2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 13 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа: муовини директор
оид ба илм, таълим ва тайёр
кардани кадрҳои илмӣ н.и.к., Худойқулов Б.С.

Котиби ҷаласа: Бобилоева З.М.

Имзоҳои Худойқулов Б.С.
ва Бобилоева З.М. - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.